«ТАСДИҚ МЕКУНАМ»
Ректори Донишгоҳи давлатии омӯзгории Тоҷикистон ба номи Садриддин Айнӣ,
профессор Ғаффорӣ Н.У.
________________
«08» ___06___ соли 2022.

# Хулосаи

**Донишгоҳи давлатии омӯзгории Тоҷикистон ба номи Садриддин Айнӣ ба диссертатсияи номзадии Маҳмудов Маҳаммадҷон Абдулаҳадович дар мавзуи "Бозтоби масоили иҷтимоӣ ва ахлоқӣ дар ҳикояи муосири тоҷик (дар мисоли ҳикояи давраи истиқлол)" барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илми филология аз рӯйи ихтисоси 10.01.04 – Таърихи адабиёт, равобити адабӣ**

Диссертатсияи М.Маҳмудов "Бозтоби масоили иҷтимоӣ ва ахлоқӣ дар ҳикояи муосири тоҷик (дар мисоли ҳикояи давраи истиқлол)" дар кафедраи назария ва таърихи адабиёти Донишгоҳи давлатии омӯзгории Тоҷикистон ба номи С.Айнӣ ба анҷом расидааст.

**Маҳмудов Муҳаммадҷон Абдулаҳадович** соли 2015 факултети филологияи тоҷики Донишгоҳи миллии Тоҷикистонро аз рӯйи ихтисоси муаллими забон ва адабиёти тоҷик хатм карда, аз соли 2017 унвонҷӯйи кафедраи назария ва таърихи адабиёти Донишгоҳи давлатии омӯзгории Тоҷикистон ба номи С.Айнӣ фаъолият намудааст.

Роҳбари илмӣ- Солеҳов Ш. доктори илми филология, профессор, мудири кафедраи назария ва таърихи адабиёти Донишгоҳи давлатии омӯзгории Тоҷикистон ба номи Садриддин Айнӣ мебошад.

Мавзуи диссертатсия дар шурои олимони факултети филологияи ДДОТ ба номи С.Айнӣ аз 27.12.2018, қарори №4 тасдиқ шудааст.

ДДОТ ба номи С.Айнӣ ба диссертант Маҳмудов М. дар таърихи 29 апрели соли 2021 маълумотномаи супоридани имтиҳонҳои номзадӣ додааст.

**Аз муҳокимаи диссертатсия чунин натиҷагирӣ шуд:** Ҳикоя аз жанрҳои нисбатан фаъоли насри муосири тоҷик буда, дар тули давраҳои мухталифи инкишофи адабиёти тоҷик ташаккулу таҳаввул ёфта, ҷанбаҳои гуногуни адабию жанрӣ касб намудааст. Дар замони мо, ҳикоя ва анвои он хелеривоҷ ёфт, ки дар муайян намудани тамоилҳои асосии рушди наср нақши калидӣ мебозад. Илова бар ин, ҳикояи муосири тоҷик дар давраи Истиқлол дар таҳқиқи бадеии масоили иҷтимоию ахлоқӣ нақши бештар бозида истодааст. Аз ин ҷиҳат, масъалаи омӯзиши паҳлуҳои гуногуни ин навъи наср, дар адабиётшиносии муосир аз ҳар ҷиҳат муҳим ва мубрам арзёбӣ мегардад. Иҥ нукта дар муқаддимаи диссертатсияи М. Маҳмудов аз нигоҳи илмӣ асоснок ва таъкид мешавад.

Воқеан, жанри ҳикоя дар насри замони истиқлол беш аз ҳарвақта фаъол гардида, дар бозтоби масоили иҷтимоию ахлоқии рӯзгори ҳамзамони мо нақши муҳим бозида истодааст. Нависандагони муосири тоҷик Сорбон, У. Кӯҳзод, С. Турсун, А. Самад, К. Мирзоев, Ҷ. Акобиров, Баҳманёр ва дигарон дар ҳикоёти худ печидатарин муаммоҳои рӯзгори муосиронро ба таҳқиқи бадеӣ гирифтаанд. Дар натиҷаи ҷустуҷӯҳои адибони номбурда, дар насри муосир анвои гуногуни ҳикоя зуҳур намуд, ки намӯнаҳои қолиби он дар диссертатсияи мазкур мавриди баррасӣ қарор гирифтаст.

Диссертант мавзуи мазкурро ба таври куллӣ ба таҳқиқ гирифта, кӯшиш ба харҷ додааст, ки мавқеъ ва нуфузи масоили иҷтимоию ахлоқиро дар муайян намудани тамоилҳои инкишофи ҳикоя дар насри давраи истиқлол муайян созад. Барои расидан ба ин ҳадафи илмӣ диссертант дар назди худ иҷрои вазифаҳои зеринро гузоштааст:

-муайян намудани заминаҳо ва омилҳои адабию ҳунарии ташаккул ва таҳаввули жанри ҳикоя;

-нишон додани таъсири омилҳои иҷтимоӣ ба равандҳои инкишофи ҳикояи реалистӣ;
-мушаххас сохтани марҳалаҳои асосии ташаккули ин жанр;
- таҳқиқ кардани қонуниятҳо ва равишҳои инкишофи ҳикояи реалистӣ;
-арзёбии нақши суннатҳои миллӣ дар ташаккули жанри ҳикоя;
-баррасии хусусиятҳои хоси инъикоси бадеии масоили иҷтимоию ахлоқӣ дар ҳикояи давраи истиқлол;
-ошкор намудани вижагиҳои ҳунарӣ ва сабкӣ дар ҳикояи ин давра;
-дар заминаи баррасии ҳикояи муосир муайян намудани тамоилҳои насри имрӯз;

Ба сифати мавод ва ё сарчашмаи таҳқиқ, ҳикояҳои нависандагони муосир, маҷмуаҳои ҳикояҳои дар давраи истиқлол ба нашр расонидаи адибони муосир мавриди истифода қарор гирифтанд. Ҳамчунин, диссертант дар ҷараёни баррасии мавзуъ аз мақолаҳо, китобҳо, пажуҳишҳои мунаққидону адабиётшиносон, маводи баҳсҳои илмӣ дошта, дар мавриди тамоилҳои насри муосир, маърузаю гузоришҳои Иттифоқи нависандагони Тоҷикистон ва ғайра дар мавриди лозимӣ истифода намудааст.

**Асосҳои назарӣ ва методологии диссертатсияро** дастурҳои назарии донишмандони маъруф М. Сохтин, Л. Тимофеев, М. В. Хранченко, М. Шакурӣ, С. Табаров, А. Сайфуллоев ва дигарон ташкил медиҳад. Ҳангоми таҳқиқи мавзуъ диссертант аз усулҳои маъруфи таҳлили осори адабӣ: методҳои таърихӣ-муқоисавӣ, таърихиву адабӣ, татбиқӣ-оморӣ ва ғайра ба самар истифода намудааст.

**Навгонии илмии таҳқиқот** дар он зоҳир мешавад, ки бори нахуст омилҳои иҷтимоию ахлоқӣ ва адабию ҳунарии ташаккули жанри ҳикоя, бозтоби масоили мазкур дар анвои ҳикояи муосир ва дигар масоили марбут ба жанри ҳикоя бори нахуст дар шакли монографӣ таҳқиқ мешавад. Ҳамчунин, ҷанбаҳои сабкию ҳунарии тамоилҳои инкишофи ҳикоя дар насри давраи истиқлол ва баррасии бозёфтҳои адабию эҷодии

ҳикоянависони муосири тоҷик аз тозагиҳои ҷусторҳои илмии диссертант маҳсуб меёбад.

Диссертатсияи номзадии М. Маҳмудов барои шинохти манзараи умумии инкишофи насри муосири тоҷикӣ аз чанд ҷиҳат муҳим буда, **арзиши назариаш** дар он зоҳир мешавад, ки дар он зимни баррасии масъалаи бозтоби масоили иҷтимоию ахлоқӣ, қонуниятҳои назарии инкишофи ин навъи наср мушаххас мешавад. Натоиҷи таҳқиқоти мазкур донишҳои назариро дар мавриди жанри ҳикояи муосир ғановат мебахшад. Маводи диссертатсия, бардоштҳои назарии диссертант ва хулосаю натиҷагириҳои ӯ барои таҳқиқи минбаъдаи анвои насри бадеии адабиёти тоҷикии давраи истиқлол мусоидат менамояд.

**Арзиши амалии** диссертатсияи М. Маҳмудов дар он аст, ки аз мавод ва натоиҷи илмию пажуҳиши таҳқиқоти мазкур метавон ҳангоми таълифи таърихи адабиёти навини тоҷикӣ, таърихи нақди адабии муосир, таҳияи таърихи насри давраи истиқлол, мураттаб сохтани китобҳои дарсӣ, васоити таълимӣ, мақолаю суханрониҳои илмӣ дар робита ба равандҳои инкишофи насри тоҷикии давраи истиқлол ва ғайра истифода намуд.

Муҳтавои таҳқиқот ва мундариҷаи диссертатсияи М.Маҳмудов дар ҳафт мақолаи дар маҷаллаи таъйиднамудаи Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ва Комиссияи олии аттестатсионии Федератсияи Россия инъикос ёфтааст, ки рӯйхати онҳо ба таври зайл аст:

1. Маҳмудов, М. А. Марҳилаҳои асосии ташаккули ҳикояи муосири тоҷикӣ [Матн] /М. А. Маҳмудов // Паёми Донишгоҳи давлатии Бохтар ба номи Носири Хусрав (силсилаи илмҳои гуманитарӣ ва иқтисодӣ). – Душанбе, 2020. – № 1/3 (77). – С. 28-33.
2. Маҳмудов, М. А. Инъикоси воқеияти иҷтимоӣ дар ҳикояи замони истиқлол [Матн] /М. А. Маҳмудов // Гузоришҳои Академияи миллии илмҳои

Тоҷикистон (шуъбаи илмҳои ҷамъиятшиносӣ). – Душанбе, 2020. – № 3 (011). – С. 108-113.

3. Солеҳов Ш., Маҳмудов М. А. Проблемаҳои инсонмеҳварӣ [Матн] /Ш. Солеҳов, М.А. Маҳмудов // Паёми Донишгоҳи омӯзгорӣ. – Душанбе, 2020. – № 2 (85). – С. 75-78.
4. Маҳмудов, М. А. Масоили ахлоқӣ дар ҳикояи замони истиқлол [Матн] / М.А. Маҳмудов // Паёми Донишгоҳи омӯзгорӣ. – Душанбе, 2020. – № 2 (85). – С. 156-160.
5. Маҳмудов, М. А. Таҳаввули шаклӣ ва сохтории жанри ҳикояи давраи истиқлол [Матн] /М.А. Маҳмудов// Паёми Донишгоҳи миллии Тоҷикистон (бахши илмҳои филологӣ). – Душанбе, 2020. – № 8. – С. 314-320.
6. Маҳмудов, М. А. Шеваҳои шахсиятпардозӣ дар ҳикояи имрӯз [Матн] /М. А. Маҳмудов// Ахбори ДДҲБСТ (бахши илмҳои гуманитарӣ). – Душанбе, 2021. – № 8. – С. 56-63.
7. Маҳмудов, М. А. Баъзе вижагиҳои ҳунарии ҳикояи муосири тоҷик. [Матн] /М. А. Маҳмудов// Паёми Донишгоҳи омӯзгорӣ. – Душанбе, 2022. – № 4 (99). – С. 179-184.

Кафедраи назария ва таърихи адабиёти Донишгоҳи давлатии омӯзгории Тоҷикистон ба номи С. Айнӣ диссертатсияи Маҳмудов Муҳаммадҷон Абдулаҳадович “Бозтоби масоили иҷтимоӣ ва ахлоқӣ дар ҳикояи муосири тоҷик (дар мисоли ҳикояи давраи истиқлол)” –ро кори анҷомёфтаи илмӣ ва муҳимму зарурӣ меҳисобад, ки он дар сатҳи лозимии илмию таҳқиқӣ таълиф шуда, ба талаботи кори диссертатсионӣ ҷавобгӯ мебошад. Дар ин замина, диссертатсияи мазкур ба ҳимоя аз рӯйи ихтисоси 10.01.04 – Таърихи адабиёт, робитаҳои адабӣ барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илми филология тавсия мешавад.

Хулоса, дар ҷаласаи кафедраи назария ва таърихи адабиёти Донишгоҳи давлатии омӯзгории Тоҷикистон тасдиқ гардид.

Иштирок доштанд: 14 нафар. Натиҷаи овоздиҳӣ: “тарафдор”- 14 нафар, “зид”- нест, “бетараф”- нест, қарори № 10, аз 28.05.2022.

**Раиси ҷаласа:**

Номзади илми филология, профессори кафедраи назария ва таърихи адабиёти ДДОТ ба номи С. Айнӣ — Саидов Саидраҳмон

**Котиби илмии ҷаласа:**

Номзади илми филология, дотсенти кафедраи назария ва таърихи адабиёти ДДОТ ба номи С. Айнӣ — Шоев Абдуҳамид

**Имзоҳои С.Саидов ва А. Шоевро тасдиқ мекунам:**

Сардори раёсати кадрҳо ва корҳои махсуси ДДОТ ба номи С. Айнӣ — Мустафозода Абдукарим

**Суроғаи муассисаи пешбар:**
734003, Ҷумҳурии Тоҷикистон,
шаҳри Душанбе, хиёбони Рӯдакӣ, 121
Тел.: +992 935364303
Сомонаи расмӣ: www.tgpu.tj